**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___
қарори шурои диссертатсионӣ
аз 10-уми марти соли 2026, №112

Дар бораи сазовор донистани Матробов Матроб Хурамович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат санаи 9-уми декабри соли 2025, №104 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, № 16/шд. (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024 №224/шд), ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Матробов Матроб Хурамович – соли 2011 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст. Аз соли 2023 унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Номбурда аз соли 2009 то соли 2012 омӯзгори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51, н. Фирдавсӣ, солҳои 2012-2016 ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, солҳои 2016-2022 муҳаррир, муҳаррири пешбари редаксияи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, солҳои 2022-2024 сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2025 то имрӯз ба ҳайси ходими калони илмии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кору фаъолият карда истодааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, №1295 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24-уми ноябри соли 2025, №4 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷидзода, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Раҷабзода Равшан Муҳитдин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири калони муовини якуми Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон».

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Алиев Ф. Ш., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, Ширинҷонов Ф.И., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва котиби ҷаласа ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кафедраи Бобохониён Д.М. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи 16 февралии соли 2026 тасдиқ шудааст. Қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни солӣ 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 19 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф

инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Матробов, М.Х. Марказҳои илмӣ ва таҳлилӣ ҳамчун субъекти мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Қонунгузорӣ. – 2024. – № 4 (49). – С. 42-46. ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Матробов, М.Х. Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли мониторинги ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 1 (49).- С. 16-23. ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Зоир, Ҷ.М., Матробов М.Х. Субъектони мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, М.Х. Матробов // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 4 (60). – С. 21-29. ISSN 2410-2903.

**[4-М].** Зоир Ҷ.М., Матробов М.Х. Талаботҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – 4(48). – С. 84-88. ISSN 2412-141Х.

**[5-М].** Матробов, М.Х. Ташаккул ва рушди таълимоти ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – № 1 (41). – С. 178–181. ISSN2305-0535.

**[6-М].** Матробов, М.Х. Таълимот ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ (масоили назариявӣ) [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – № 3 (38). – С. 81-84. ISSN2305-0535.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[7-М].** Матробов, М.Х. Асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Х. Матробов // Паёмшиносӣ. – 2025. – №1(1). – С.139-153. ISSN 3105-8205.

**[8-М].** Қосимов, А.Ф., Матробов М.Х. Маънидодкунии зуҳуроти давлатӣ-ҳуқуқӣ ва таълимоти маърифати давлату давлатдорӣ дар таҳқиқоти Зоир Ҷурахон Маҷидзода [Матн] / А.Ф. Қосимов, М.Х. Матробов // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқ. – 2025. – №1(1). – С.60-70. ISSN 3105837Х.

**[9-М].** Матробов, М.Х. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – асоси ислоҳот дар соҳаи маориф [Матн] / М.Х. Матробов // Паёми Пешвои миллат: қутбнамои рушди миллии кишвар. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2024. Таҳти назари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор У.С. Асрорзода ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2025. – С. 187-190.

**[10-М].** Матробов, М.Х. Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии бешаҳрвандӣ ва таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони бешаҳрванд [Матн} / М.Х. Матробов // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир. – 2024. – № 2 (2). – 63-69. ISSN 3105837X.

**[11-М].** Матробов М.Х. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи инноватсия [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубарми танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» (Бахшида ба 15-солагии таъсисёбии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024), (24 декабри соли 2024) // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ. – Д.: «Меҳроҷ-граф», 2024. – С. 84-89. ISBN 978-99985-976-4-2.

**[12-М].** Матробов, М.Х. Санадҳои байналмилалӣ оид ба муқовиммат ба терроризму экстремизм [Матн] / М.Х. Матробов // «Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовиммат ба эксремизм ва терроризм: мушкилот ва дурнамо»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (05 апрели соли 2024). – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2023. – С. 107-116.

**[13-М].** Матробов, М.Х. Мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун шакли нави технологияи ҳуқуқӣ (масъалаҳои назариявӣ) [Матн] / М.Х. Матробов // Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ: маводи V-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 148-152.

**[14-М].** Тоҳиров, Ф.Т., Матробов М.Х. Таълимоти ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ: моҳият ва тадбиқи он дар таърихи давлатдории тоҷикон ва Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / М.Х. Матробов // Рушди илми ҳуқуқ дар 30 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, Шоҳин-С. 2022. – С. 258-269.

**[15-М].** Матробов, М.Х., Одиназода Ш.Х., Исмоилӣ И., Абдуллоев Р. Инъикоси робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии мушкилоти глобалӣ дар Паёми Пешвои Милат ба Маҷлиси Олӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – № 2. – С. 219-222.

**[16-М].** Матробов, М.Х., Абдуллоев Р. «Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои об» [Матн] / М.Х.

Матробов // Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – 2022. – Т. 2. – №2 (24). – С. 91-97.

**[17-М].** Матробов, М.Х. Ташаббусҳои ЮНЕСКО - Дафтари СММ оид ба илм, маориф ва фарҳанг дар самти ҳимояи забонҳои модарӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – № 2. – С. 215-219.

**[18-М].** Матробов, М.Х. Ташаккули ҳукумати электронӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ» [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, 2022. – № 2. – С. 241-245. ISSN 2709-6246.

**[19-М].** Матробов, М.Х. Рушди заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои хайриявию хусусӣ дар даврони истиқлолият [Матн] / М.Х. Матробов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Д., 2017. – №1. – С. 139-141. ISSN 0235 - 0G5X

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Қодирзода Т.Қ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ходими пешбари шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Мансурзода А.М. –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Қодирзода М.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Ҷабборов Ф.Н.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои зер оварда шудаанд:

1. Дар ҳақиқат автореферати диссертатсия дар худ мазмун ва муҳтавои мушаххаси худи таҳқиқотро ҷой додааст. Аммо, хуб мебуд аз ҷониби муаллиф бо дарназардошти он ки худи муҳтавои таҳқиқ ба қонунгузорӣ, механизм ва сатҳи иҷрои он бахшида шудааст, эътибори бештар ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ ба монанди консепсия, барнома ва стратегияҳои амалкунанда равона карда мешуд. Ҳолати мазмур мавқеи таҳқиқотро коста накунад ҳам, муаллиф метавонад дар таҳқиқоти минбаъда доир ба масъалаҳои ишорашуда, диққати заруририро равона менамояд.

2. Аз муҳтавои автореферат чунин бармеояд, ки диссертант натавонистааст, ки нақши институтҳои ғайридавлатӣ ва иштироки

шаҳрвандони алоҳидаро дар самти мониторинги қонунгузорӣ инъикос намояд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро оид ба масъалаи мазкур диссертант андешаи илмии худро иброз намояд.

3. Дар боби сеюм, зербоби дуюм муаллиф ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсиро субъекти мониторинги қонунгузорӣ меҳисобад. Мониторинги қонунгузориро маъмулан танҳо мақомоти давлатие амалӣ мегардонад ва ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ вогузор кардани ин салоҳият моҳиятан чандон зарур намебошад. Аз ин рӯ, муаллифро зарур аст, ки дар раванди ҳимояи ошкоро маъалаи мазкурро асоснок намояд.

4. Дар автореферат баъзе такрори фикрҳо ва тавзеҳоти фарох мушоҳида мешавад, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сатҳи илмӣ ва арзиши умумии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

5. Дар таҳқиқоти автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ба назар мерасад, ки ҳолати мазкур диссертантро водор менамояд то минбаъд ба ин ҷабҳаи масъала диққати асосӣ диҳад.

Мушкилот ва эродҳои пешниҳодшуда ба мазмун ва моҳияти таҳқиқот таъсири манфӣ нарасонида, танҳо бо мақсади такмили минбаъдаи таҳқиқот ҳамчун тавсия хидмат менамоянд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нахустин маротиба масоили назариявӣ-ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, пешниҳодҳои таҳқиқот ба рушди ҷанбаҳои илмӣ-назариявии мавзуи мазкур ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷкисон дар самти истифодаи падидаи мониторинги қонунгузорӣ равона карда шудаанд.

- **муайян карда шуд:** мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти алоҳидаи ҳуқуқӣ буда, бо мақсади пайгирӣ, баҳодиҳӣ ва арзёбии навъҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниву қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиқкуниву ҳуқуқҳифзкунӣ истифода мешавад. Ба шаклҳои мониторинги ҳуқуқӣ дохил мешаванд: мониторинги қонунгузорӣ;

мониторинги ҳуқуқтатбиққунӣ; мониторинги ҳуқуқэҷодкунӣ; мониторинги фазои ҳуқуқӣ; мониторинги соҳаи ҳуқуқӣ; мониторинги низоми ҳуқуқӣ; мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғ.

**- пешниҳод шудааст:** барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самарабахшии он зарур аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» боби алоҳида «Мониторинги қонунгузорӣ» ҷой дода шуда, мақсаду вазифаҳо, субъекту объект ва раванди мониторинги қонунгузорӣ муқаррар гардад. Ҳамзамон тавсия дода шудааст, ки мафҳуми «мониторинги қонунгузорӣ» ҳамчун мафҳуми ягона дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ истифода ва «Тартиби ташкил ва гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ» таҳия гардад. Дар баробари ин, пешниҳод шудааст, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон мониторинги соҳаҳои дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузаронида, ҷиҳати такмили онҳо таклифҳои қонунгузорӣ пешниҳод намоянд.

**- исбот шудааст, ки** мафҳумҳои назариявӣ вобаста ба мониторинги ҳуқуқиву қонунгузорӣ, механизми амалигардонӣ ва дигар унсурҳои таркибиии онҳо, ҳамчунин пешниҳодҳои амалии таҳқиқот ба рушду ташаккули назарияи ҳуқуқ ва давлат ва дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ ва татбиқи раванди мониторинги қонунгузорӣ мусоидат мекунанд.

**- ҷорӣ намудан:** дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки барои роҳандозии монторинги қонунгузорӣ механизми амалисозии он ҷорӣ карда шавад. Аз ҷумла, ба инобат гирифтани иштироки доираи васеи субъектҳо, бахусус мақомоти ҳуқуқэҷокунанда, мақомоти назоратӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳвардӣ, марказҳои илмӣ-таҳлилӣ ба самаранокии раванди мониторинги қонунгузорӣ муфид хоҳад буд. Ҳамзамон барои амалигардонии мониторинги қонунгузорӣ таъсиси мақоми ваколатдори давлатӣ зарур буда, метавонад ба ҳамоҳангсозии фаъолияти қонунгузории парламент ва дигар мақомоти давлатӣ дар самти баланд бардоштани сифати қонунҳо ва самаранокии танзими ҳуқуқӣ мусоидат кунад. Дар марҳалаи кунунӣ зарур аст, ки иҷрои вазифаҳои мониторинги қонунгузорӣ ба сохторҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо вогузор гардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Маводи диссертатсия дар таълими назарияи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ҳамчунин ба роҳ мондани курсҳои махсус дар факултаҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳо ва анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои коркардшуда ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ, тартиби таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти қонунэқодкунии

мақомоти ваколатдор бо истифодаи аз мониторинги қонунгузорӣ равона карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии паҳлуҳои мухталифи мониторинги қонунгузорӣ ва амалисозии он асос ёфта, омӯзиши асарҳои илмӣ ва масъалаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда, ҳамчунин маводҳои амалӣ ва тавсияҳоро тасдиқ менамояд. Илова бар ин, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф, таҳлили ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар ба воситаи мониторинги қонунгузорӣ дар бораи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

– **баён шудани** мафҳуми мониторинги қонунгузорӣ, шаклу намудҳо, заминаҳои ҳуқуқӣ ва механизми амалисозии он аз ҷиҳати назариявӣ ба ташаккули падидаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷиҳати амалӣ ба такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, вазъи иҷроиш ва дар маҷмуъ ба рушду тақвияти фарҳанги ҳуқуқии омма замина мегузорад.

– **ошкор гардидани** он, ки мафҳуми мониторинги ҳуқуқӣ ва мониторинги қонунгузорӣ дар қонун ба таври возеҳ муқаррар нагардидааст; ғайр аз ин, байни шаклҳои гуногуни мониторинги ҳуқуқӣ тавофути амиқ гузошта нашудааст; ниҳоят, механизми мониторинги қонунгузорӣ аз бисёр ҷиҳатҳо коркард нагардидааст.

– **омухта шуданд:** дар раванди таҳқиқи мавзуи мазкур давраи муосири рушди мониторинги қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ омӯхта шуда, таҳаввули мониторинги қонунгузорӣ дар ду марҳилаи асосӣ ташаккул ёфтааст: дар марҳалаи якум – аз соли 2008 то соли 2017 дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2008) мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқӣ ташаккул ёфт. Дар марҳалаи дуюм – аз соли 2017 то инҷониб дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (аз 30-юми майи соли 2017) қабул карда шуд, ки ба ташаккул ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд гардидани сифати қонунҳо равона гардид. Бахусус, дар қонуни мазкур муқарраароти алоҳида ба мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шуд. Ҳамчунин, дар ин давра дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21-уми декабри соли 2021 ба дӯши Маҷлиси Олӣ ва дигар мақомоти ҳуқукэҷодкунанда вазифаи таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои

қонунгузорӣ гузошта шуд. Ҳамзамон, дар бархе аз стратегия, консепсия ва барномаҳо мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун падидаи муосир муқаррар гардид.

– **аз нав такмил додани** қонунгузорӣ ва истифодаи мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун василаи муҳими такмили санадҳои қонунгузорӣ дар назар гирифта шуда, падидаи мазкур бо роҳи дар қонунгузорӣ муқаррар кардани муқаррароти алоҳида марбут ба амалисозии он рушд мекунад.

– **муайян карда шуданд**, ки самаранокӣ ва натиҷабахшии мониторинги қонунгузорӣ аз он вобастагӣ дорад, ки то кадом сатҳ механизми татбиқи он такмилёфта мебошад. Дар чунин ҳолат, раванду марҳалаҳои амалисозӣ, субъекту объектҳои ин раванд, методология, тартиб ва дигар воситаҳои зарурӣ дар назар гирифта мешаванд.

– **офарида шуд**: мониторинги қонунгузорӣ навъи мониторинги ҳуқуқӣ ва аз воситаҳои муосири техникаи ҳуқуқӣ мебошад. Мониторинги қонунгузорӣ дар муқоиса ба дигар намудҳо васеъ буда, ҳамаи фаъолиятҳои марбут ба пайгирӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии раванди эҷоди қонун, иттилоотонии ҷомеа аз вазъи қонунгузорӣ, сатҳи риоя ва татбиқи қонунҳоро фаро мегирад.

– **муаррифӣ карда шуд, ки** дар баробари мақоми ваколатдор таъсиси воҳидҳои сохторӣ дар назди вазорату идораҳои давлатӣ ва амалигардонии мониторинги қонунгузории соҳавӣ муҳим мебошад. Мақомоти давлатиро зарур аст, ки сохтори алоҳидаи мониторинги қонунгузорӣ дошта, ба онҳо ваколати гузаронидани мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти фаъолияташон дода шавад.

– **асоснок шудааст**, ки Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун субъекти мониторинг, фаъолияти мониторинггузаронии он ба ҳама самтҳои қонунгузорӣ паҳн мегардад. Ҷиҳати пурсамар гардидани фаъолияти мазкур зарур аст, ки «Тартиби мониторинги қонунгузорӣ»-и Марказ таҳия шуда, дар заминаи он воҳидҳои сохторӣ мониторинги қонунгузориро амалӣ намоянд. Ҳамзамон барои самаранокии мониторинги қонунгузорӣ истифодаи васеи махзани иттилоотӣ мувофиқи мақсад мебошад. Натиҷаҳои мониторинги қонунгузорӣ ва таҳлилу тадқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ дар сомонаҳои субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ нашр карда шаванд. Ҷиҳати интишори натиҷаҳои мониторинг нашрияи «Мониторинги қонунгузорӣ» ба роҳ монда шавад.

– **истифода шудаанд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, гузоришҳои мақомоти давлатӣ, маълумоти нашрияҳои даврӣ, маводи бойгонӣ ва сомонаҳои интернетӣ, ки фарогири маълумот дар робита ба мавзуи таҳқиқот.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, ба масъалаҳои рушди ҳуқуқ бахшида шудаанд. Асоснокнамоӣ ва сабку услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро дар коркарди масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ ифода мекунад. Қобили қайд аст, ки диссертант дар гуруҳҳои корӣ оид ба такмили қонунгузорӣ иштирок намудааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 10-уми марти соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Матробов Матроб Хурамович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

10-уми марти соли 2026